**OSCE/ODIHR**
**Election Observation Mission**
**Republic of Tajikistan**
**Presidential Elections 2006**

**21 Khalturina street, Dushabe, Tajikistan**
**tel.: +992 37 2246815, 2241949**
**fax: +992 37 2241643**
**email: office@odihr.org.tj**

# Гузориши миёндаврии №1
# 12 октябри соли 2006

## I. ТАФСИРИ МУХТАСАР

- Президенти Тоҷикистон дар таърихи 6 ноябри соли 2006 ба мӯҳлати ҳафт сол интихоб мешавад. Аз шумораи умуми шаш нафар пешбаришудагон ба мансаби президент, номзадии панҷ нафари онҳо аз тарафи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ (КМИР) ба қайд гирифта шуд. Дар ҳоле, ки ду ҳизби сиёсии мухолиф тасмим гирифт интихоботро бойкот кунад, як ҳизби дигар ба мансаби президентӣ номзад пешбарӣ насохт. Бовуҷуди он, ки дар мавриди доираи маҳдуди номзадҳо нигарониҳо боқӣ мемонанд, раванди интихобот ҳанӯз метавонад ба интихобкунандагон то дараҷае имконияти интихоб пешниҳод кунад.

- Доираи мавҷудаи қонунгузорӣ дар робита бо интихоботи президент ба хотири мувофиқат кардан бо ӯҳдадориҳои САҲА, ки тибқи ҳуҷҷати Копенгаген дар соли 1990 муқаррар шудаанд ба такмилдиҳии назаррас ниёз дорад. Як қатор тавсияҳо дар арзёбии Қонун дар бораи интихоботи Президент, ки аз тарафи САҲА/ДИДҲБ гузаронида шудааст, оварда шудаанд.

- КМИР якчанд қарор баровард, ки бақайдгирӣ ва ҳузури нозирони байналмилалӣ, дастрасӣ доштан ба расонаҳои хабарии давлатӣ барои номзадҳо ва намояндагони онҳо ва ҳузури нозирони байналмилаливу бақайгирии онҳо аз ҷумлаи ин қарорҳоянд.

- Аҳзоби сиёсӣ, номзадҳо ва ашхоси байналмиллие, ки Ҳайати нозирони интихоботи (ҲНИ) САҲА/ДИДҲБ бо онҳо сӯҳбатҳо гузаронид изҳор доштанд, ки ҳузури нозирони кӯтоҳмуддат ҷузъи истиқболпазири назорати интихобот аст,

- Аз кишварҳои узви САҲА дархост мешавад, ки 100 нафар нозирони кӯтоҳмуддатро барои назорат кардани овоздиҳӣ, ҳисоби овозҳо ва ҷамъбаст кардани натиҷаҳо дар рӯзи овоздиҳӣ сафарбар намоянд.

Аммо мӯҳлати аз тарафи КМИР муқарраршудаи 20-рӯза ҷиҳати аккредитатсиякунонии нозирони байналмилалӣ, ба хотири имкони аккредитатсия доштан ва ҷойгир шудани нозирони кӯтоҳмуддат бояд мавриди баррасӣ қарор гирад.

- Ҳайати нозирони интихоботи САҲА/ДИДҲБ дафтари худро дар шаҳри Душанбе дар таърихи 9 октябри соли 2006 бо 12 нафар узви асосӣ боз кард. Рӯзи 13 октябр 14 нафар нозири дарозмуддат меоянд, ки онҳо дар саросари кишвар ҷойгир хоҳанд шуд.

## II. МУҚАДДИМА

Бо даъвати Вазорати корҳои хориҷии ҷумҳурии Тоҷикистон, дар таърихи 9 октябри соли 2006 САҲА/ДИДҲБ Ҳайати Нозирони Интихобот (ҲНИ)-ро таъсис дод. ҲНИ, ки онро ҷаноби Онно ван дер Уинд сарварӣ мекунад аз 12 нафар узви гурӯҳи асосӣ ва 14 нафар нозирони дарозмуддат иборат аст, ки онҳо ба ҳайати мазкур аз 18 кишвари узви САҲА шомил шудаанд.

## III. СИСТЕМАИ ИНТИХОБОТ ВА СОХТОРИ ИНТИХОБОТ

Сарқонуни ҷумҳурии Тоҷикистон (Конститутсия) муқаррар мекунад, ки Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон ба мӯҳлати ҳафт сол интихоб мешавад. Соли 2003 ба Конститутсия тавассути раъйпурсӣ тағйироту иловаҳо ворид карда шуд. Тағйироту иловаҳо пешбинӣ менамоянд, ки як нафар наметавонад беш аз ду мӯҳлат пайдарҳам интихоб шавад. Дар натиҷаи ин раъйпурсӣ, ба Президенти феълӣ, ки бори нахуст соли 1994 ва баъд соли 1999 дубора Президент интихоб шудааст, раво диниста мешавад, то номзадии вай дар интихобот боз ду маротибаи дигар, яъне соли 2006 ва соли 2013 пешбарӣ гардад.

Моддаи 66-и Конститутсия муқаррар менамояд, ки барои баргузоршуда ҳисоб ёфтани интихобот, дар он бояд беш аз нисфи интихобкунандагони қайдшуда ширкат намоянд. Барои ғолиб омадан дар даври аввали интихобот намоянда бояд беш аз нисфи овозҳои интихобкунандагонеро, ки дар интихобот иштирок кардаанд ба тарафдории худ бигирад. Агар ба мақоми президентӣ ду номзад рақобат дошта бошанд ва ҳеҷ нафари онҳо шумораи овозҳои муқарраршударо ба даст наорад, дар ин ҳол даври дуюми интихобот дар мудати як моҳ, вале на пештар аз 15 рӯз пас аз рӯзи интихобот баргузор мешавад (Моддаи 35, Қонуни конститутсионии

ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи президент ҷумҳурии Тоҷикистон»).

Конститутсия ва Қонуни конститутсионии ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи интихоботи президенти ҷумҳурии Тоҷикистон” аз пешбаришавандагон ба номзади президентӣ талаб менамояд, ки аз миёни тамоми интихобкунандагони бақайдгирифташуда, имзои 5 фоизи онҳоро (теъдоди 160 000 имзо) ба тарафдории номзадии худ ҷамъ оваранд. Дар вохӯрӣ бо ҲНИ, аҳзоби сиёсӣ ин муқаррароти қонунро ҳамчун талаботи сангин тахти танқид қарор доданд. Дар баҳодиҳии Қонуни конститутсионии ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи президенти ҷумҳурии Тоҷикистон»[1], ки ба наздикӣ аз тарафи САҲА/ДИДҲБ сурат гирифтаст, тавсия дода мешавад то ин масъала баррасӣ шавад ва теъдоди тақозошавандаи имзоҳо барои дастгирӣ, тибқи беҳтарин таҷрибаҳои байналмилалӣ беш аз як фоизи дастгирии интихобкунандагонро ташкил накунад[2].

Дар арзёбӣ САҲА/ДИДҲБ ба хулоса омадааст, ки доираи мавҷудаи қонунгузорӣ дар робита бо интихоботи президент ба хотири қонеъ гардонидани ӯҳдадориҳои САҲА, ки тибқи ҳуҷҷати Копенгаген дар соли 1990 муқаррар шудаанд ба беҳбудии назаррас ниёз дорад. САҲА/ДИДҲБ тавсия медиҳад то маъмурияти интихоботии гуногунандеш ва фарогир таъмин карда шавад, қоидҳои муфассал барои таъмини тақсимоти боадолати захираҳои давлатӣ дар рафти маъракаи интихоботӣ ба номзадҳо ҷорӣ шаванд, шаффофият ва имкониятҳои назораткунии раванди интихобот беҳ гардонида шавад, овоздиҳӣ бо усули мусбати ишорагузорӣ ворид карда шавад (овоз додан танҳо ба номзади дилхоҳ ба ҷои хат задани номҳои тамоми номзадҳо ба ҷуз як номзад), раванди пешниҳод кардани арзу шикоятхо муаррифӣ карда шавад, ҳуқуқҳои интихоботӣ ба таври лозимӣ ҳимоя шуда назорати интихобот аз тарафи ашхоси дохилкишварии ғайриҳизбӣ ворид карда шавад. Ҳамчунин тавсия дода шудааст, ки ба хотири таъмин намудани овоздиҳӣ, ҳисоб ва раванди ҷамъбасти натиҷаҳову тартиботи муайянкунии каноатбахши номзади ғолиб, қонунгузорӣ дақиқ ва возеҳ гардонида шавад.

Аксарияти ин нигаронихо аз тарафи мусоҳибони кишварӣ ва байналмилалии ҲНИ дар вохӯриҳо такрор шуданд.

Ҳамчун рушди дилхоҳ Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ ҷиҳати омодагӣ ба интихоботи Президент якчанд Қарор қабул намуд. Вале, ин қарорхо танҳо ба баъзе масъалаҳои асосӣ нигаронида шуда дорои як қатор муқарраротти норавшан мебошанд. ҲНИ тарзи амалигардонии ин

---

1 Ниг ба арзёбии Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 июли соли 2006, http://osce.org/odihr-elections/13438.html.

2 Ниг. Комиссияи Венетсия *Кодекси амалiои хуб дапр робита бо масоили интихобот,* Страсбург, 30 октябри соли 2002

Қарорхоро дар тӯли тамоми раванди интихобот ба хотири баҳодиҳии дараҷаи таъсироти мусбати онҳо ба баргузории интихобот назорат хоҳад кард.

## IV. ИДОРАКУНИИ ИНТИХОБОТ

Интихоботи Президент дар таърихи 6 ноябр аз тарафи маъмурияти се-сатҳӣ: Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ (КМИР), 68 комиссияи ҳавзавии интихобот (КҲИ) ва 3060 комиссияи участкавии интихобот (КУИ) баргузор мешавад. КМИР органи доимиамалкунанда буда мувофиқи Моддаи 11-и Қонун дар бораи интихоботи парламент ба мӯҳлати 5 сол таъсис дода мешавад[3]. КМИР то 22 сентябр мутобиқи Моддаи 13, Қонуни конститутсионии Ҷумхурии Тоҷикистон “Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон” 68 КҲИ-ро ташкил кард. Ҳар як ҳавза аз 7 то 11 узв, аз ҷумлаи раис, муовини раис ва котиб[4] иборат аст.

КҲИ участкаҳои интихоботиро бо шумораи на камтар аз 20 ва на беш аз 3000 интихобкунанда ва низ КУИ-ро таъсис медиҳад.

Қарори ба наздикӣ қабулкардаи КМИР (№ 43, 4 сентябри соли 2006) ба ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар созмонҳо[5] ҳуқуқ дод то якнафарӣ аъзои худро ба КҲИ ва КУИ пешбарӣ намоянд. Ҳизбҳои сиёсие, ки ҲНИ бо онҳо вохурӣ кард тасдиқ намуданд, ки номояндагони онҳо дар сатҳҳои поёнии комиссияхои интихоботӣ шомил шудаанд. ҲНИ минбаъд оид ба таъсири ин Қарор ба ҳайати комиссияхои интихоботӣ ва саҳми он дар идоракунии интихоботи шаффофу демократӣ савол хохад пурсид.

Бо дастгирии ҷомеаи байналмилалӣ барномаи омӯзишие барои аъзои комиссияҳои интихоботӣ дар Душанбе ва марказҳои минтақаҳои ҷумҳурӣ амалӣ мегардад, ки дар онҳо аъзои КҲИ иштирок намуда, сипас дар навбати худ онҳо аъзои КУИ-ро меомӯзонанд.

## V. БАҚАЙДГИРИИ НОМЗАДҲО

КМИР дар интихоботи президентӣ аз байни шаш нафар пешбаришудагон, номзадии панҷ нафари онҳоро, ки теъдоди зарурии имзоҳоро ба тарафдории худ супориданд ба қайд гирифт: Президенти кунунӣ ҷаноби Эмомалӣ Раҳмонов, ки аз тарафи Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон

---

3 Ѕонуни конститутсионии Їуміурии Тоїикистон «Дар бораи интихоботи Маїлиси Олии Їуміурии Тоїикистон”

4 26 участкаи интихоботќ дар назди сафоратхонаіову намояндагиіои дипломатќ барои овоздиіќ дар хориїи кишвар кушода мешаванд.

5 Масалан, Федератсияи иттифоѕіои касаба, Иттифоѕи їавонон, маѕомоти давлатии намояндагони маіаллќ

(ҲҲДТ) ба номзади пешбарӣ шудааст; ҷаноби Исмоил Талбаков, номзад аз Ҳизби коммунисти Тоҷикистон (ҲКТ); ҷаноби Олимҷон Бобоев, аз Ҳизбиислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон (ҲИИТ); ҷаноби Амир Қарақулов, аз Ҳизби Аграрии Тоҷикистон (ҲАТ) ва ҷаноби Абдуҳалим Ғаффоров, аз Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон (ҲСТ). Се номзади аввал дар таърихи 9 октябр ва ду номзади дигар рӯзи 11 октябри соли 2006 ба қайд гирифта шуданд.

Ба тарафдории номзадии президенти феълӣ ба КМИР зиёда аз 600 000 имзо супорида шудааст. Номзадии як нафар пешбаришуда – Таваралӣ Зиёев (аз тарафи яке аз ҷиноҳхои (фраксияҳои) Ҳизби Демократии Тоҷикистон пешбаришуда), ки тавонистааст танхо 120 000 имзо ҷамъ оварад ба қайд гирифта нашудааст.

Баъзе мусоҳибони ҲНИ вуҷуд надоштани номзадҳои оппозитсиони дорои нигоҳҳои алтирнативиро таҳти танқид қарор доданд ва аммо баъзеи дигар бошанд, дар муқоиса бо охирин интихоботи президентии соли 1999, дар ин ҷода ба пешравиҳо ишора намуданд. Ҳизби мухолифи демократӣ (ҲДТ) ва Сотсиал-демократӣ (ҲСДТ) ба интихобот бойкот эълон карданд ва ё ҳатто натиҷаҳои интихоботро эътироф нахоҳанд кард ва Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон (ҲНИТ) бошад тасмим гирифтааст, ки ба мансаби президентӣ дар интихобот номзад пешниҳод накунад. ҲДТ ва ҲСДТ бо сабаби таҳти савол қарор доштани қонунияти тағйироти ба Конститутсия дар соли 2003 воридшуда, камбудиву норасоиҳои доираи қонунгузории марбут ба интихобот ва ҳамчунин иттиҳоми ҷой доштани вайронкориҳои зиёд дар рафти чамъоварии имзоҳои тақозошаванда, ба қонунӣ будани интихобот муқобиланд.

Дар мактуби рӯзи 2 октябри соли 2006 ирсолшудаи ҲДТ ба ҷомеаи байналмилалӣ, роҳбарияти Ҳизби демократӣ шикоят овардаанд, ки Вазорати адлия як гурӯх ашхосро хамчун пешвоёни хизб ба қайд гирифтааст, ки онҳо ҳизбро намояндагӣ намекунанд. Ҳизби «аслии» демократӣ даъво дорад, ки ин тасмим ба ҷиноҳи (фраксияи) ҷудошуда имкон дод то номзад пешбарӣ кунанд

## VI. МАЪРАКАИ ИНТИХОБОТӢ

Мувофиқи Моддаи 27-и Қонуни конститутсионии Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон», номзадҳо маъракаи ташвиқотиро аз лаҳзаи аз тарафи КМИР ба қайд гирифта шуданашон оғоз менамоянд. Арзёбии Қонуни конститутсионии Ҷумхурии Тоҷикистон “Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон”, ки аз тарафи САҲА/ДИДҲБ гузаронида шудааст нишон медиҳад, ки муқаррарот оид ба пешниҳод кардани дастрасии баробар ба

васоити ахбори ома ва дигар захираҳои давлатӣ дар Қонуни мазкур, такмилдихихои минбаъдаро такозо мекунад. Қонуни конститутсионии Ҷумхурии Тоҷикистон "Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон" дар робита бо маблағгузории маъракаи интихоботии номзад дорои тафсилоти назаррас нест. Дар вакти навиштани ин гузориш, ҲНИ ҳанӯз бояд арзёбӣ намояд, ки кадом низомномахо доир ба маблағгузориҳои ҷамъиятии маъракаи интихоботии номзадҳо вуҷуд доранд ва тарзи татбиққунии ин низомномаҳо чӣ гуна аст.

Дар ҳоли ҳозир маъракаи интихоботии номзадҳо ниҳоят заиф аст.

## VII. ВАСОИТИ АХБОРИ ОМА

Чунин ба назар мерасад, ки вазъияти васоити ахбори ома дар Тоҷикистон дар муқоиса бо Гузориши САҲА/ДИДҲБ вобаста ба эҳтиёҷот додашуда тағйир наёфтааст: «... муҳити васоити ахбори омаро дар Тоҷикистон Ҳукумат назорат мекунад ва бекоркунии литсензияҳову бастани нашриётҳо ҳамчун як васила барои таъмин намудани худсензура ва арзи вуҷуд надоштани рӯзноманигории танқидӣ истифода мешавад».

Қобили зикр аст, ки як теъдоди маҳдуди васоити мустақили хабарӣ, аз қабили *Азия Плюс* дар вокеъ вуҷуд доранд. Шумораҳои маҷаллаи *Азия Плюс (ба забони русӣ)* дар кишвар нуфузи аз ҳама беш доранд. Хабарҳои он дар саҳифахои интернет пахш мешавад (русӣ ва англисӣ) ва он ҳамчунин дорои радиостансия дар мавҷи FM (хабарҳо ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) мебошад.

Чопи маҷаллаи ҳафтавори *Адолат* (мутааллиқ ба ҲДТ), ки фаъолияти худро дубора дар моҳи августи соли 2006 оғоз кард, мутобиқи гуфтаҳо, аз тарафи нашриёт дар таърихи 4 октябр, пас аз дахолати хукумат инкор гашт. Дар нихоят иҷозат дода шуд, ки *Адолат* 11 октябр ба табъ расад.

Дар таърихи 9 октябр, ҳокимияти кишвар ба таъминкунандагони (провайдерҳои) Интернет фармон дод, ки дастрасиро ба як қатор веб-сайтхо банданд (ба монанди веб-сайтҳои www.centrasia.ru; www.ferghana.ru; www.TajikistanTimes.ru; www.charogiruz.ru ва www.arianastorm.com). Нозирони иттилоотии Вазорати Алоқа ин амалро шарҳ дода гуфтанд, ки гузоришҳои аз тарафи ин веб-сайтхо пахшшаванда «хилофи сиёсати иттилоотии давлат аст». Дар таърихи 12 октябр 3 веб-сайт аз миёни вебсайтҳои дар боло зикршуда дастрас буданд.

Намояндагони ҳайати дипломатии кишварҳои узви САҲА, инчунин Дафтари Созмони Миллали Муттахид оид ба бунёди сулх дар Тоҷикистон

(UNTOP) дар вохӯрӣ бо ҲНИ нигарониҳои худро перомуни ин маҳдудиятҳои ба наздикӣ нисбат ба озодии ВАО суратгирифта иброз доштанд.

Дар таърихи 15 сентябр, КМИР Қароре ҷиҳати танзимсозии вақти бепули эфирӣ дар радио ва телевизиони давлатӣ ва андозаи ҷой дар расонаҳои чопии хабарӣ барои номзадҳо ба мақоми Президент қабул кард. Қарори мазкур имконият медиҳад, ки номзадҳо то 30 дақиқа дар телевизион ва радиои ҷумҳуриявӣ ё маҳаллӣ ва шахсони боэътимоди онҳо то 10 дақиқа вақт барои мурочиаткунӣ ё муарраифисозӣ дошта бошанд. Гузаронидани маъракаи ташвиқот бо истифода аз реклама дар ин Қарор пешбинӣ нашудааст ва равшан нест, ки оё вақти ҷудошударо номзадҳо ё шахсони боэътимоди онҳо метавонанд ба ғайр аз сухан гуфтан ба дигар кор истифода баранд ё на. Гузашта аз ин, Қарор як чаҳорчӯбаи истифодабарии расонаҳои хабариро барои номзадҳо муқаррар мекунад, ки дақиқ нест ва он барои шарҳдиҳиҳои васеъ ва мухталиф аз тарафи Кумитаи телевизион ва радио, ки барои амалигардонии Қарори мазкур ӯҳдадор аст ва ҳамчунин аз тарафи КМИР ва расонахои хабарӣ боз аст.

ҲНИ мониторинги васоити ахбори омаро аз таърихи 11 октябр оғоз кард. Расонаҳои хабарии мавриди мониторинг қарордошта аз *ТВТ ва ТВ Сафина*: ки хар ду канал хам давлатӣ ва ягона каналхои дар Душанбе дастрас мебошанд ва аз 10 маҷалла, ки дар як ҳафта як ё ду маротиба ба табъ мерасанд иборат аст.

## VIII. НОЗИРОНИ МИЛЛӢ ВА БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Қонун дар бораи интихоботи Президент дар бораи нозирони миллии беҳизбӣ ҳеҷ муқаррарот пешбинӣ намекунад. Он ба бурдани назорат танҳо аз тарафи субъектҳое, ки номзад пешбарӣ мекунанд, аз ҷумла аҳзоби сиёсӣ, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон, Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон ва мақомоти намояндагии маҳаллии давлатӣ иҷозат медиҳад.

Дар таърихи 4 сентябр КМИР Қарори №42-ро қабул кард, ки дастрасии нозирони миллӣ ва байналмилалиро муқаррар мекунад. Қарор пешбинӣ мекунад, ки аккредитатсиякунонии нозирони хориҷӣ ва байналмилалӣ, ҳамчунин намояндагони васоити ахбори омаи хориҷӣ 20 рӯз пеш аз интихобот ба охир мерасад. Ҳарчанд қабули як қарори ботафсил дар мавриди тартиби иштироки нозирони хориҷӣ/байналмилалӣ аз тарафи КМИР қобили ситоиш аст, вале ба назар чунин меояд, ки мӯҳлати

пешбинишуда бемаврид буда ҳеҷ раванди маъмурӣ дар робита бо аккредитатсиякунонӣ ин мӯҳлатро асоснок намекунанд[6]

## IX. ҶОЙГИРКУНИИ НОЗИРОНИ КӮТОҲМУДДАТ

Дар гузориши ҳайат доир ба арзёбии эҳтиёҷот (ҲАЭ), ки аз тарафи САҲА/ДИДҲБ гузаронида шудааст, таъсисдиҳии Ҳайати Нозирони Интихобот, аз ҷумлаи 12 нафар узви гурӯҳи асосӣ, 14 нафар нозирони дарозмуддат ва 100 нафар нозирони дарозмуддат тавсия дода мешавад. Вале гузориши ҲАЭ изҳор медорад, ки «шарти рақобат дар интихобот ва назорати ҳаматарафаи он, ин **доираи номзадҳои сазовор** аст, ки ба овоздиҳандагон интихоби воқеӣ пешниҳод мекунанд ва **муҳиту шароити васоити ахбори ома мебошад, ки ба интихобкунандагон иттилооти кофӣ таъмин менамояд,** то овоздиҳандагон огоҳона интихоб кунанд. Эҳтимоли вуҷуд надоштани чунин доираи номзадҳо ё муҳиту шароити ВАО метавонад сабаби аз нав дида баромадани масъалаи дархосткунии бомақсади нозирони кӯтоҳмуддат шавад».

ҲНИ арзёбӣ мекунад, дар ҳоле ки доираи номзадҳо маҳдуд аст, интихобот ҳанӯз метавонад ба овоздиҳандагон то дараҷае имконияти интихоб пешниҳод намояд. Муқаррароти кунунӣ дастрасии номзадҳоро ба васоити ахбори ома барои расонидани иттилоот ба овоздиҳандагон фароҳам меорад, вале дидани татбиқшавии ин муқаррарот дар амал ҳанӯз боқист.

Аҳзоби сиёсӣ, инчунин ҳизбҳои мухолифи бойкотэълоннамуда, дар вохӯрӣ бо ҲНИ таваҷҷӯҳи худро перомуни ҳузури нозирони байналмилалӣ, аз ҷумла нозирони кӯтоҳмуддат дар рӯзи интихобот таъкид сохтанд.

Ба ҳамин хотир ҲНИ ҷойгиркунии нозирони кӯтоҳмуддатро барои назорат кардани раванди овоздиҳӣ, ҳисоби овозҳо ва ҷамъбасткунии натиҷаҳои овоздиҳӣ дар рӯзи интихобот тавсия медиҳад. Назорати раванди рӯзи интихобот ва ҳузури нозирон ба ҲНИ имконият медиҳад, ки кулли равандро мониторинг намояд ва ба ҳокимияти ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои ҳаматарафа ва фарогир пешниҳод кунад.

Зимнан, Қарори № 42-и КМИР бақайдгирии нозирони байналмилалиро ҳадди ақал 20 рӯз пеш аз рӯзи интихобот муқаррар менамояд. Ин талабот барои ҷойгиркунонии нозирони кӯтоҳмуддат як монеаи назарраси маъмурӣ эҷод мекунад. ҲНИ доир ба ин мушкилот ба ҳокимияти Тоҷикистон иттилоот додааст ва дар вохӯрӣ бо Вазорати корҳои хориҷӣ ва КМИР, ҳайати нозирон боварӣ кунонида шудааст, ки барои бақайдгирии

[6] The PEL does not provide a deadline for international observer accreditation, while it sets a ten-day deadline for submission of information about domestic observers to the election administration.

нозирони кӯтоҳмуддати САҲА/ДИДҲБ, роҳи ҳал пайдо мешавад. САҲА/ДИДҲБ дар бораи нияти Ассамблеяи Парлумонии САҲА ҷиҳати фиристодани нозиронашон огоҳӣ дорад ва интизори ин ҳамкорист.

## X. ФАЪОЛИЯТҲОИ САХА/ДИДҲБ

САҲА/ДИДҲБ бо аҳзоби сиёсӣ, номзадҳо, расонаҳои хабарӣ, СҒҲ ва намояндагони ҷомеаи маҳаллии дипломатӣ як силсила вохӯриҳо гузаронид. Вазорати корҳои хориҷӣ ва КМИР барои вохӯрӣ намудан бо ҲНИ танҳо пас аз якчанд маротиба фиристодани дархостҳои хаттӣ ва шифоҳӣ розӣ шуданд. Омодагӣ барои гузаронидани маҷлис ва ҷойгиркунии нозирони дарозмуддат идома дорад.